Ҳар гоҳ аз мусалмоне дар қабр пурсида шавад, ба ин гувоҳӣ медиҳад, ки ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад паёмбари Аллоҳ аст

Аз Бароъ ибни Озиб (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд. "Ҳар гоҳ аз мусалмоне дар қабр пурсида шавад, ба ин гувоҳӣ медиҳад, ки ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Аллоҳ нест ва Муҳаммад паёмбари Аллоҳ аст". Ва ин мафҳуми сухани Аллоҳ аст: "Аллоҳ Таъоло касонеро, ки имон овардаанд, дар зиндагии дунё ва дар охират бо сухани устувор [-и тавҳид] собит мегардонад." (Сури Иброҳим, ояти 27).

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Муъмин дар қабраш мавриди пурсиш қарор мегирад, ду фариштаи муваккал, яъне Мункар ва Накир ӯро мавриди пурсиш қарор медиҳанд. Номи ин ду фариштa дар чандин ҳадис чунин омадааст. Пас ӯ гувоҳӣ медиҳад, ки маъбуде ба ҳақ нест, ҷуз Аллоҳ ва ин ки Муҳаммад фиристодаи Аллоҳ аст. (Шаҳодатайнро мегӯяд). Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: Ин ҳамон сухани собит ва устувор аст, ки Аллоҳ Таъоло дар бораи он мефармояд: "Аллоҳ Таъоло касонеро, ки имон овардаанд, дар зиндагии дунё ва дар охират бо сухани устувор [-и тавҳид] собит мегардонад." (Сураи Иброҳим, ояти 27).

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4206